**ҚИЁМИДДИН МИРАЛИЕВ**

ТАШАББУСҲОИ ХАЙРХОҲОНА БА ҶАВОНОН
ДРУЖЕЛЮБНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ К МОЛОДЕЖИ
YOUTH FRIENDLY INITIATIVES

ШСИ/мка

# МОДЕЛИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА БА ҶАВОНОН ДАР САТҲИ ҶАММОАТҲОИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе** 2012

# 1. МУҚАРРАРОТ/ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ

Дар шароити дигаргунисозиҳои муносибатҳо, тамоюлҳо ва рукнҳои демографии Тоҷикистон ва муқовиматнокии сиёсию иқтисодии кишвар бахри ишғол намуани мавқеи муносиби худ дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин бахри мустақилияти комили сиёсӣ ва иқтисодиро касб намудани ҷумҳурӣ зарур аст, ки дар кишвар сиёсати давлатии ҷавонон дар қатори соҳаҳои асосии афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шавад. Зарурати татбиқи ин масъала ба якчанд омилҳои воқеӣ асос меёбад.

**Рукнҳои демографӣ**

Аз ҷумла, дар ҷаҳони муосир бисёр кишварҳоро тамоюли пиршавии аҳолӣ таҳдид карда истодааст, ки боиси нигаронӣ гардидааст, вале хушбахотона на Тоҷикистонро, чун кишвари мо аз нигоҳи аҳолӣ ҷавон аст, 70% аҳолиро шахсони то 30 сола ташкил медиҳад. Теъдоди ҷавонони 14-30 сола бошад, дар тули 20 соли истиқлолияти давлатӣ то ба 60,3% расидааст.

**Амнияти миллӣ ва давлатӣ**

Дигар масъала, ки боиси ташвиши ҷаҳониён гардидааст, ин ҳамарӯза афзоиш ёфтани омилҳои номатлуб дар байни насли ҷавон, аз қабили  ҳолатҳои террористӣ, экстремистӣ, ифротгароӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ҷинояткорӣ, хариду фурӯши инсон, танфурӯшӣ ва ғайра, ки ҳаёти ҷамъиятиро халалдор кардааст ва ба амнияти миллию давлатӣ таҳдид карда истодааст, мебошад.

Дар шароити Тоҷикистон, ки аксариятро насли ҷавон ташкил медиҳад, ин масъала бояд маддӣ таваҷҷӯҳӣ асосӣ қарор дошта бошад. Чун, дар солҳои таҳлилии 2010 ва 2011 сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон то 21,6% ва байни ноболиғон 2,8% афзоиш ёфтааст, ҳолатҳои нашъаҷалобӣ 10,6%, фоҳишагӣ байни ҷавондухтарон 4,9%, вале байни ноболиғон 31,6% афзоиш ёфтаанд.

**Таъминоти иҷтимоӣ**

Дар ҳолати гузариш ба ҷаҳони технологияи иттилоотӣ, ки аслан рушд додани имконоти техникии кишварҳоро тақозо мекунад, таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла ба кор таъмингардии одамон танназул ёфта истодааст ва дар ниҳоят афзоишёбии сатҳи бекорӣ ва норозигии аҳолиро дар ҷаҳони муосир боис гардидааст.

Дар шароити Тоҷикистон бошад, дар баробари таҳдиди технологияи иттилоотӣ, рукнҳои демографӣ низ, ки ба ҷавон будани

аҳолӣ асос меёбад, ба таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла ба шуғл ва кор таъмингардии аҳолӣ таҳдид дорад.

Сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон дар соли 2011 28200 (58,6% аз ҳисоби умумӣ) ҳолатро ташкил дода, он нисбат ба соли 1991 297,2% зиёд гардидааст. Сатҳи зиёди бекорӣ ва бешуғлӣ миёни ҷавонони 14-18 сола ҷойд дорад. Дар соли 2011 31,2% бекоронро ҷавонон бо маълумоти миёнаи нопурра ташкил додаст, ки он нисбат ба соли 2010 11% ва нисбат ба соли 1991 875% афзоиш ёфтааст.

**Шароитҳо/шуғлнокӣ барои ҷавонон**

Дар воқеъ яке аз усулҳои тарбияи комили ҷавонон ва эмин доштани онҳо аз ҳар гуна омилҳои номатлуб ин ба шуғл ва кор фарогирии онҳо мебошад.

Тибқи омори расмӣ ҳамагӣ 27,4% (738900) ҷавонон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки барои ин ҳудудан 4000 муассисаҳои таҳислоти ташаккул ёфтаанд. Ҳамчунин, ҳудуди 7000 ҷавонон дар хориҷи кишвар ба таҳсил фаро грифта шудаанд.

4516 ҷавонон ба ҳайси хизматчии давлатӣ ва қисми муайян дар сафи қувваҳои мусаллаҳ фаъолият доранд.

Дар бораи машғулияти дигар гурӯҳҳои ҷавонон маълумоти дастрас нагардид ва дар ниҳоят аз теъдоди умумии ҷавонон ҳудудан 65% онҳо бешуғл баҳогузорӣ мегарданд.

Дар ҳоле, ки теъдоди масҷидҳо дар кишвар беш аз 5000 ададро ташкил медиҳанд, ки аз рӯи мантиқ барои фарогирии калосолон (ҳамагӣ 20-25%-ро ташкил медиҳанд) нигаронида шудааст.

Марказҳои фарҳангӣ бошад, ҳамагӣ, аз қабили Клубҳо 953 адад, ки нисбат ба соли 1991 66% кам гардидааст ва театрҳо 16 ададро ташкил медиҳанд.

Дар ниҳоят, Марказҳои ҷавонон ҳамагӣ 66 адад мебошанд, ки 43,9% онҳо таъмирталаб буда, ба таҷҳизоти корӣ ниёз доранд. Аз ин миқдор 27 ададашон Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон (дар ҷамоатҳои Душанбе, Ваҳдат (ҳамаи ҷамоатҳо) ва Ёвон (ҳамаи ҷамоатҳо)) фаъолият доранд.

Аслан модели ташкили Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон барои хизматрасонӣ ба ҷавонон дар маҳали зист, аниқтараш дар ҷамоатҳо бо истифодаи начандон бинои калон ва маблағгузории кам нигаронида шудааст.

Дар баробари ин Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳо метавонанд ҳам тиҷоратӣ ва ҳам ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) бошанд. Яъне, дилхоҳ шахси ҳуқуқӣ ва ё шахси

ЦСИ/МКА

воқеъӣ метавонад дар сатҳи ҷамоати худ Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавононро бо хизматрасонии алоқаманд роҳандозӣ намояд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти вазъияти баамаломада (таҳлили боло) зарурати таъсис ва васеъ гардинидани шабакаи Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳои ҷумҳурӣ ба вуқӯъ пазируфтааст.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

### 2.1. МАҚСАД

Фароҳам овардани шароити мусоид (таъсис ва рушди Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳо) барои ба шуғли доимӣ фаро гирифтани насли ҷавон, тарбия ва омода намудани онҳо барои рушду такомулёбӣ дар муқобилият ва рақобатнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир.

### 2.2. ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ

Барои амалӣ гардонидани мақсади гузошташуда, дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавонон ташкил мегарданд, ки дар самтҳои зерин фаъолият менамоянд:

- ташкил ва баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ оид ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ;
- ташкили маҳфилҳои худфаъолияти эҷодӣ ва ихтироотии ҷавонон, аз ҷумла дар самти технологияҳои иттилоотӣ;
- ташкили маҳфилҳои худфаъолияти фарҳангӣ ва фароғатии ҷавонон;
- ташкили давраҳои омӯзишӣ оид ба забонҳои хориҷӣ, кор бо технологияҳои иттилоотӣ, дузандагӣ ва дигар малакаҳои ҳаётӣ барои наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла ҷавондухтарон;
- ташкили давраҳои омӯзишӣ оид ба малакаҳои ҳаётӣ ва дастгирии иҷтимоии ҷавонони осебпазир, маъюб ва оворагад;

ПСИ/мка

– ташкили маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол»;
– ташкили хадамоти Телефони Боварӣ ва машваратдиҳӣ ба ҷавонон оид ба мушкилоти ҳаётӣ;
– мунтазам баргузории машғулиятҳо/тренингҳо барои такмили ихтисоси мутахассисони кор бо ҷавонон дар самти рушди фаъолият;
– мунтазам баргузории машғулиятҳо/семинарҳо барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи наврасон ва ҷавонон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ;
– ташкили маҳфилҳои варзишӣ-оммавӣ ва баргузории чорабиниҳои алоқаманд дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим;
– ташкили намоиши барномаҳои театрӣ ва кинофилмҳо.

## 3. ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚӢ

Заминаҳои асосии меъёрию ҳуқуқии ташаккули Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавононро дар кишвар асноди зерин ташкил медиҳад:
– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»;
– Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 тасдиқ гардидааст №228;
– Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 №480 тасдиқ гардидааст;
– барномаҳои давлатии «Ҷавонони Тоҷикистон», «Тарбияи ватандӯстии ҷавонон» ва «Рушди саломатии ҷавонон», ки мунтазам дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ мегарданд;
– банди 20 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012 №34 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012»;
– қарори ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2011

ПСИ/мка

вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012» аз 6 апрели соли 2012 №5[1];

- Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012[2];
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №609 «Дар бораи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Нақшаи миллии чорабиниҳои якҷояи Кумита ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба табдил додани чойхонаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ба марказҳои фарҳангиву фароғатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки воқеан барои намозгузорӣ истифода мешаванд (аз ҷониби муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р.А. аз 30 июни соли 2011 тасдиқ гардидааст);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2005 №184 «Оид ба тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар аз 21 майи соли 2005 баён гардидаанд».

## 4. БАРНОМАИ/СОХТОРИ ТАШКИЛӢ

### 4.1. ТАРТИБИ ТАШКИЛ

Аслан модели ташкили Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон барои хизматрасонӣ ба ҷавонон дар маҳали зист, аниқтараш дар ҷамоатҳо бо истифодаи начандон бинои калон ва маблағгузории кам нигаронида шудааст.

Дар баробари ин Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳо метавонанд ҳам тиҷоратӣ ва ҳам ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) бошанд. Яъне, дилхоҳ шахси ҳуқуқӣ ва ё шахси воқеъӣ метавонад дар сатҳи ҷамоати худ Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавононро бо хизматрасонии алоқаманд роҳандозӣ намояд.

Муҳим он нест, ки Марказ ҳатман иҷтимоӣ бошад, чун фарогирии омма ба дилхоҳ хизматрасонии манфиатнок, ин аллакай

[1] http://youth.tj/tj/Parlament%20discussion%20of%20Youth%20rogramm.pdf
[2] http://www.president.tj/habarho_200412payom.html

дастовард аст. Яъне, Марказ метавонад дар шакли тиҷоратӣ низ фаъолият дошта бошад ва зарур аст, ки кори он тибқи намудҳои хизматрасонии дар банди 4.2. муқарраргардида, муайян карда шавад, чун талаботи имрӯзаи ҷавонон ва ҷомеаи муосир маҳз ба ҳамин қабил хизматраоснихо ҳамбастагӣ дорад.

Асосҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкил ва ба роҳ мондани тартиби фаъолияти Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон дар банди 3. оварда шудааст ва мавриди ташкили фаъолият кифоя аст, ки асноди ҳуқуқии дар боло зикргардида, нишон дода шавад.

## 4.2. СОХТОРИ МАРКАЗ

Бо дарназардошти талаботи воқеии ҷавонон ва ташкилотҳои ҷавонон сохтори ташкилию амалии Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ҷавонон аз хадамоти зерин иборат мебошад:

1. **Толори/Маркази робитаҳо** – барои ташкили корҳои идорӣ ва фаъолияти маҳфили ихтиёриёни ҷавон дар самти пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол»;
2. **Синфхона** – барои ташкили давраҳои омӯзишӣ оид ба забонҳои хориҷӣ ва кор бо технологияҳои иттилоотӣ/компютерӣ ва ё омӯзиши малакаҳои дузандагӣ;

Барои фаъолияти Маркази маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон зарур нест, ки ба мисли Марказҳои имконоти ҷавонон толорҳои хурду калони зиёд дошта бошад. Кифоя аст, агар дар дилхоҳ бино ду ҳуҷраи алоҳида бо даромадгоҳи алоқаманд (алоҳида) дар ҳаҷми 30-40м$^2$ ҳар кадоме маҳфуз бошад. Чаро даромадгоҳи алоқаманд, чун ҷавонон аслан серҳаракатанд ва дар ҳолати фаъолият доштан дар бинои маъмурӣ, метавонанд, ки ба дигарон халал расонанд. Аз ин рӯ, ҷойгири кардани бино ва ё толорҳои Марказ дар алоҳидагӣ, дуртар аз биноҳои маъмурӣ ва ё бо даромадгоҳи алоҳида дар биноҳои маъмурӣ мувофиқи мақсад аст.

Инчунин, Марказҳоро мумкин аст, ки дар биноҳои шахсӣ, ки барои истиқомат муқаррар нагардида бошад, ташкил намуд. Яъне дар ин роҳи ободони ва саҳмгузорӣ дар рушду равнақи кишвар ягон маҳдудиятҳои хосе мавҷуд нест.

ЦСИ/МКА

# 5. СОХТОРИ РАВОБИТИ МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА ҶАВОНОН



# 6. РӮЙХАТИ ВОҲИДҲОИ КОРИИ МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА ҶАВОНОН

| № | Воҳиди корӣ | Тедод |
|---|---|---|
| 1. | Роҳбар (вобаста ба шакли фаъолият) | 1 нафар |
| 2. | Муҳосиб | 1 нафар |
| 3. | Мутахассис оид ба корҳои ташкилӣ ва техникӣ | 1 нафар |
| 4. | Омӯзгорони бахши технологияи иттилоотӣ/компютерӣ | 2 нафар |
| 5. | Омӯзгорони бахши забонҳои хориҷӣ | 2 нафар |
| 6. | Омӯзгорони бахши дӯзандагӣ | 2 нафар |
| 7. | Ҳамоҳангсози Маҳфили ихтиёриёни ҷавон | 1 нафар |
| 8. | Ихтиёриён | 20 нафар |
| 9. | Фарош | 1 нафар |
| 10. | Посбон | 1 нафар |
| **Ҳамагӣ** | | **32 нафар** |

ШСИ/МКА

# 7. ТАЛАБОТИ МАСОҲАТИИ ХАДАМОТИ МАРКАЗҲОИ МАЪРИФАТИЮ ИТТИЛООТИИ ХАЙРХОҲОНА ҶАВОНОН




Эзоҳ: дар сурати имкон даст додан мумкин аст, ки ҳаҷми хизматрасонӣ ва теъдоди толорҳоро тибқи банди 2.2. зиёд намуд.